# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи тањсилоти касбї (13.00.08.05. – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (илмҳои педагогӣ))

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистолн масъалаи истифодаи босамари технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар машғулиятҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) ва ҳатто муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) барои аксар фанҳои таълимӣ то андозае ҳалли худро ёфтааст. Аммо, мутаассифона, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касби (МТМК)-и ҷумҳурӣ, бахусус муассисаҳои равияи иқтисодидошта, раванди таълими фанни технологияи иттилоотии ба ТИК асосёфта, ки манбаи асосии дониш ва пойгоҳи муътамади ташаккулдиҳии салоҳиятнокии донишҷӯён аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Ҳол он ки иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба таҷриба, донишу малака ва кордонии хатмкунандагони ин муассисаҳо аз пештар дида бештар ниёз дорад, то ки дар қабули қарорҳои дахлдори вобаста ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ ба иттилооти зарурӣ дастрасии фаврӣ ва саривақтӣ дошта бошанд.

Ба ақидаи унвонҷӯй барои амалӣ намудани ин мақсадҳо ташкили дурусти раванди таълим, хусусан дар ихтисосҳои равияи иқтисодии МТМК, ки ба дарёфти донишҳои сатҳи миёнаи иқтисодӣ равона гардида, пешбарии ҳиссаи муайяни сарбории иқтисодии мамлакатро ба дӯш доранд, хеле муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дастовардҳои соҳаи таҳсилоти мазкур, ки аз сатҳи нерӯи зеҳнии иқтисодчиёни оянда, рушди илму инноватсия ва техникаю технологияҳои муосир дар кишвар вобастагии ҷиддӣ доранд, ба амалӣ гардидани таҳаввулот дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар мусоидат намуда, боиси тағйир ёфтани муносибати одамон ба арзишҳо, сатҳ ва тарзи зиндагии онҳо мегардад.

Дар ҳақиқат, воридсозии воситаю василаҳои ТИК ба раванди таълим – роҳи воқеии таъмини ниёзҳои донишҷӯён ба омӯзиш, ташаккули фаъолияти устувори маърифатии онҳо, болоравии сатҳу сифати дониш, фароҳамойии шароити мусоид барои рушди қобилиятҳои фикрӣ ва ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ мебошад. Воридгардии ТИК ба таълим боиси ташаккулёбии фарҳанги иттилоотии донишҷӯёну

омӯзгорон мегардад. Фарҳанги иттилоотӣ омили муайянкунандаи шахсияти инсони ҷомеаи муосир буда, ба тағйироти динамикии системаи маориф, таълим ва фаъолияти касбии омӯзгорон вобастагии зич дорад.

Дар автореферат баъзе номувофиқиҳо байни авторефрерат бо забони тоҷикӣ ва автореферат бо забони русӣ буда ба назар мерасанд, ки он ба мазмун ва мӯҳтавои авторефрерат таъсири ҷиддӣ намерасонад.

Ҳамин тариқ меҳисобам, ки диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович ба ҳама талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст ҷавобгӯй аст. Бинобар ин муаллифи онро Давлатов Давлат Амриддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ
ва коммуникатсонии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Аҳтам Пулотович Назаров

Имзои Назаров А.П. –ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ А. Мустафозода

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС